# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи **«Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»,** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Автореферати диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи **«Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Калимасозӣ яке аз бахшҳои муҳим ва асосии илми забоншиносӣ ба шумор рафта роҳу усулҳои пайдоиш ва ташаккули калимаҳои навро меомӯзад. Таҳқиқоти дар ин самт анҷомдодаи муҳаққиқони соҳа ба ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами калимасозӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат намудаанд, вале ҳанӯз мушкилот дар ин самт ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо талаботи замон мебошад. Яке аз чунин масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносии тоҷик таҳқиқи роҳҳои калимасозӣ, тарзу восита ва заминаи ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо дар давраҳои муайни таърихи гузаштаи забон дар маҷмуъ ё дар доираи осори ин ё он шоири ҷудогона ба шумор меравад.

Яке аз чуни таҳқиқот диссертатсияи Ҷиҳонова Г. А. зери унвони “Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ” мебошад. Масъалаи таҳқиқи сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносии тоҷик ба шумор рафта, таҳқиқи ҳаматарафаи он метавонад ба ҳалли чандин масъалаҳои забон дар самти калимасозию морфология ва дар самти муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат намояд.

Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқот мантиқан ва мувофиқи талабот оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии мавҷудбуда ба шакл даровarда шуда, пояи илмии таҳқиқот, татбиқи амалии он, методҳои таҳқиқот, анҷоми ҳар як давраи таҳқиқот давоми мантиқии якдигар буда, ба талаботҳои қабулшуда нисбат ба иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошад.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ нуқтаи назари олимони соҳаи забоншиносӣ муфассал таҳлил карда шуда, дар ҳамин замина нуқтаи назари худи унвонҷу низ пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои диссертатсия метавонад назарияи илми сарфу калимасозии забони тоҷикиро ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам дар забони муосир такмил диҳад. Бо назардошти он ки масъалаи асосии таҳқиқоти анҷомдодашударо омӯзиш ва баррасии гурӯҳҳои сохтории калимаҳо, сохту таркиби морфологӣ, қолабҳо, замина ва тарзу воситаҳои ташаккули онҳо ташкил менамояд, хулосаҳои аз ин таҳқиқот бадастомада метавонанд назарияи илми забоншиносиро тақвият бахшанд ва зимни таҳияи рисолаҳои илмии магистриву номзадӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз морфология, калимасозӣ, грамматика дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурда шаванд.

**Боби аввали** диссертатсия «**Калимасозӣ ва мавқеи он дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо (дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ)**» номгузорӣ шуда, ду фаслро дар бар мегирад.

**Боби дуюми** диссертатсия «**Хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ**» ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо низ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

1. Дар автореферат баъзан қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268 тасдиқ шудааст, дуруст истифода нашудааст, масалан, дар саҳифаҳои 12, 18, 23, 24 ва ғайра;
2. Дар бахши феҳристи адабиёт низ дар тартиби овардани номи муаллиф, номи китоб, муҳаррир, макони нашр, соли нашр, миқдори саҳифа якнавохтӣ ба назар намерасад. Ҳамчунин, адабиёт ба тарзи нодуруст оварда шудааст;
3. Дар баъзе ҷойҳои автореферат мавқеи истифодабарии аломатҳои китобатӣ: "тире " ва "дефис" риоя карда нашудааст, масалан, дар саҳифаҳои 9, 10, 26.

Хулоса, мавзуи калимасозӣ дар рисолаи унвонҷӯ аз нигоҳи илмӣ равон ва фаҳмо инъикос ёфта, барои донишҷӯён, омӯзгорон ва ҳамаи дӯстдорони забони адабии тоҷикӣ ҳамчун манбаи боэътимод ба ҳисоб меравад. Камбудиву нуқсонҳои зикршуда арзиши илмии таҳқиқотро коста намекунад ва ислоҳи онҳо саривақтӣ мебошанд.

Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршудаи унвонҷӯ мазмун ва муҳтавои корро комилан инъикос менамояд.

Мавзуи таҳқиқшаванда ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои пажуҳишие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, комилан мувофиқат мекунад.

Бинобар ин, автореферати диссертатсия Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи **«Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** ба талаботи бандҳои 31,33-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Муслимзода Ҳайдар Абубакр

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 63\3,
хонаи 1, ҳуҷраи 306.
Тамос: (+992) 907931094
E-mail: haidar.m@mail.ru

**Имзои** номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Муслимзода Ҳайдар Абубакрро **тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Абдуназаров Азизҷон Ҷумахонович

Суроға: Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 63\3,
Тамос: +992(37)234-79-87
E-mail: rectorat-tut@mail.ru
Сомона: www. tut.tj
«3»- юми сентябри соли 2025